# КӮМАКИ USAID ДАР МУТОБИҚШАВИИ МАҲКУМШУДАГОНИ СОБИҚ БА ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН



*Дар акс: Улуғбек, иштирокчии барномаи СТАРТ Плюс*

Улуғбек аз синни 17 солагӣ ба истеъмоли маводи мухаддир оғоз кард. Солҳои зиёде қабл ӯ ба 12 соли зиндон маҳкум шуд.

Дар моҳи марти соли 2016, дар натиҷаи авфиат Улуғбек ба озодӣ баромад. Кормандони ичтимоии лоиҳаи USAID ӯро барои зиндагӣ дар озодӣ ва шиносоӣ бо воқеияти нав омода намуданд.

Дарҳол баъд аз озодшавӣ, ба Улуғбек барои гузаштани санҷишҳои зарурии тиббӣ кӯмак расонида шуд ва маслиҳатҳои духтурон ройгон пешниҳод гардид.

Маҳрумӣ аз озодӣ ва дурӣ аз ҳаёти ҳақиқӣ дар тӯли 10 сол ба Улуғбек таъсири худро расонид, барояш қабул кардан ва фаҳмидани вазъи ҳозира хеле душвор буд. Кормандони иҷтимоии лоиҳа пайваста бо ӯ мулоқот мекарданд. Дар рафти сӯҳбатҳо ба ӯ дар бораи хизматрасониҳои дастрас, ҳуқуқҳои ӯ ва имкониятҳои доштааш маълумот медоданд ва кумаки психологӣ мерасониданд.



*Дар акс: Корманди ҷамъиятии лоиҳа Алимова Қурбонгул (аз рост) ба Улуғбек (аз чап) маслиҳат медиҳад*

Бо шарофати ин дастгирӣ Улуғбек тавонист дарҳол ва ба осонӣ ба муҳити барояш нав мутобиқ шавад, тарсу ҳарос ва шиддаташро паси сар кунад.

*"Ба ҳамагон маълум аст, ки барои шахси аз зиндон озодшуда ҳамеша ба ҷомеа мутобиқ шудан ва пайдо кардани ҷойи худ дар ҳаёт мушкил аст. Ман умедворам, ки атрофиён нисбати ман дастгирӣ ва ҳамдардиашонро дареғ нахоҳанд дошт"*, - мегӯяд Улуғбек.

Дар айни ҳол, Улуғбек, ки ҳаёти солими бе маводи мухаддирро пеша кардааст, бо меҳру муҳаббати оилаи худ иҳота шуда, барои оянда нақшаҳо кашида истодааст ва дар ҷустуҷӯи ҷойи кор аст.

---

Улуғбек яке аз 41 маҳкумшудагонест, ки аз ҷониби Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб – Тоҷикистон» дар доираи Лоиҳаи пешгирии ВНМО, ки бо кумакӣ USAID амалӣ карда мешавад, дастгирии ҳамаҷониба гирифтанд.